Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети молиявию иқтисодӣ
Кафедраи молия ва суғурта
Саволномаҳои тести аз фанни молия
барои донишҷӯён курси 2-юми ихтисоси: 96010103, факултети Баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ

Тартибдиҳанда:
Сафарова М.И.
Саволномаҳои тести дар ҷаласаи кафедраи молия ва суғурта аз «30»11. 2022с тасдиқ карда шудааст.
Мудири кафедраи
молия ва суғурта н.и.и.,
дотсент Ҳусайнов М.Н.

@1.
Буҷети ВМКБ ба кадом сатҳи буҷет дохил карда мешавад:
$A) буҷети давлатӣ;
$B) буҷети ҷумҳуриявӣ;
$C) буҷети маҳаллӣ;
$D) буҷети ин вилоят ба сатҳ (звена) -и сеюми системаи буҷет дохил мешавад, чун ки ин вилоят худмухтор аст;
$E) ҷавоби дуруст нест;
@2.
Хароҷоти асосӣ ва хароҷоти ҷорӣ ба кадом қисми хароҷоти буҷети давлатӣ дохил мешавад?
$A) Хароҷоти буҷети давлатӣ вобвста ба самти истифодабариашон;
$B) Хароҷоти буҷети давлатӣ вобаста ба аҳамияти иқтисодӣ;
$C) Хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ;
$D) Хароҷоти асосии буҷети давлатӣ;
$E) Ҳамаи чавобҳо нодурустанд;
@3.
Пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кай ба муомилот бароварда шуд?
$A) 6-майи соли 1993;
$B) 10-майи соли 1995;
$C) 11-майи соли 1994;
$D) 6-майи соли 1995;
$E) 10-майи соли 1997;
@4.
Кадом мақомот дар ҶТ арзиши исмӣ, андоза, вазн ва ороиши пулҳои қоғазӣ ва тангаҳоеро, ки дар қаламрави ҶТ ҳамчун воситаи пардохт мебошанд, муқаррар менамояд?
$A) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$B) Бонки миллии Тоҷикистон;
$C) кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ;
$D) Вазорати адлияи ҶТ;
$E) Ҳукумати ҶТ;
@5.
Баъди ба муомилот бароваромадани сомонӣ то кадом вақт рубли тоҷикӣ гардиш намуд?
$A) 1-апрели соли 2001;
$B) 2-майи соли 2000;
$C) 14-октябри соли 2001;
$D) 5-ноябри соли 2002;
$E) 5-фефрали соли 2003;
@6.
Кадоме аз ин ҳуҷҷатҳо дар ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ истифода мешаванд?
$A) Акредитив;
$B) чек;
$C) супоришномаи пулӣ;
$D) талабномаи пулӣ;